**ПРОТОКОЛИ**
**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 10 – уми майи соли 2025, № 110** **ш. Душанбе**

Дар маҷлиси имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2024 таҳти № 148/шд тасдиқ шудааст, 15 нафар иштирок доранд, аз инҳо 4 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия ҳузур доранд.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шуро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

**РУЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Ҳимояи диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

**Роҳбари илмӣ:**

**- Низомов Самариддин Фахриевич -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, професори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**- Розиев Дилшод Астанақулович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муҳосиби ҶДММ «ЦАИ Консалтинг Тоҷикистон».

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Раисикунанда:** Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба Котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ **Бобиев Исмоил Атоевич** дода мешавад.

**Бобиев И.А.:** Маълумотномаи Икромова Малоҳат Холовнаро қироат мекунад.

**Раисикунанда:** Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Ташаккур, шинед. Сухан ба унвонҷӯй Икромова Малоҳат Холовна барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад, тибқи банди 81.

Низомномаи Шурои диссертатсионӣ барои маърӯза то 20 дақиқа вақт дода мешавад. Марҳамат.

**Икромова М.Х.:** Баромад мекунад.

**Раисикунанда:** Кӣ ба Икромова Малоҳат Холовна савол дорад? Марҳамат, аъзои шурои диссертатсионӣ: д.и.и., профессор Улугхоҷаева Х.Р., д.и.и., Калемуллов М.В., д.и.и., Хоҷаев П.Д., д.и.и., Дадоматов Д.Н.

**Раисикунанда:** Боз кӣ савол дорад? Савол нест. Кифоя. Саволҳоро нависта гирифтед? Марҳамат ба саволҳои додашуда ҷавоб гуед.

Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии унвонҷӯ **Низомов Самариддин Фахриевич -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад.

**Низомов С.Ф.:** Роҳбари илмӣ тақризро мехонад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ташаккур.

**Раисикунанда:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ **Бобиев Исмоил Атоевич** барои шинос намудани ҳозирин бо хулоса оид ба натиљањои экспертизаи мукаддамотии диссертатсия, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад.

**Бобиев И.А.:** қироат мекунад:

1. Хулосаи натиҷаҳои экспертизаи муқаддамотии диссертатсия.
2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).
3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ медиҳем барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

**Икромова М.Х.:** Ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва ба эродҳои дар тақризҳои ба автореферат гирифташуда ҷавоб мегардонад.

**Раисикунанда:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дода мешавад.

**Шарифов З.Р.:** Қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба унвонҷӯ Икромова М.Х. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Икромова М.Х.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раисикунанда:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Розиев Дилшод Астанақулович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муҳосиби ҶДММ «ЦАИ Консалтинг Тоҷикистон» дода мешавад.

**Розиев Д.А.:** Қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Икромова М.Х. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Икромова М.Х.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раисикунанда:** Ташаккур! Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ба мубоҳиса мегузарем. Мувофиқи банди 92 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) бояд дар музокираи диссертатсия камаш 2 нафар узви Шуро, ки ҳамчун мутахассисон аз рӯйи диссертатсияи ҳимояшаванда дониста мешаванд, ҳатмӣ бояд баромад кунанд. Ҳамзамон, дигар узви Шуро низ метавонанд дар музокира иштирок намоянд. Аз мутахассисон кӣ мехоҳад баромад кунад? Баромад намуданд: д.и.и., Калемуллоев М.В., д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х., д.и.и., профессор Улугхоҷаева Х.Р., д.и.и., Дадоматов Д.Н., д.и.и., Ҳикматов У.С.

**Раисикунанда:** Боз ягон нафари дигар баромад мекунад? Нест? Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб гуфтан ба муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавӣ дода мешавад!

**Икромова М.Х.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

**Раисикунанда:** Саломат бошед, шинед. Ба расмиёти ташкили комиссияи ҳисоб мегузарем. Барои ин зарур аст, ки мувофиқи талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ комиссияи ҳисоб дар ҳайати се нафар ташкил карда шавад. Ки тарафдор? Якдилона қабул гардид.

**Раисикунанда:** Муҳтарам узви Шуро ба ҳайати комиссияи ҳисоб киҳоро пешниҳод менамоед. Пешниҳод шуд ки узви зерини Шуро: д.и.и., профессор Қодирзода Д.Б., Хоҷаев П.Д., Шарифзода Б.М. ба ҳайати комиссияи ҳисоб ворид карда шаванд. Кӣ ҷонибдорӣ дар ҳамин ҳайат ташкил намудани комиссияи ҳисоб мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид. (овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ акнун сухан ба раиси комиссияи ҳисоб д.и.и., профессор Қодирзода Д.Б. дода мешавад.

**Қодирзода Д.Б.:** Муҳтарам раис, муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, иҷозат диҳед шуморо бо протоколи № 1 маҷлиси комиссияи ҳисоб, ки шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-003 аз 10 – уми майи соли 2025 интихоб намудааст, шинос намоям. Комиссия барои ҳисобкунии овозҳо дар овоздиҳии пинҳонӣ аз рӯйи масъалаи ба Икромова Малоҳат Холовна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар ҳайати д.и.и., профессор Қодирзода Д.Б., д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д., ва д.и.и., профессор Шарифзода Б.М. интихоб карда шудааст. Аъзои комиссияи ҳисоб д.и..и, профессор Қодирзода Д.Б - ро раиси комиссияи ҳисоб интихоб намудааст. Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи - 16 нафар тасдиқ карда шудаст. Дар маҷлис 14 аъзои шуро иштирок намуданд, аз ҷумла 4 доктарони илм аз рӯйи ихтисоси

диссертатсияи баррасишаванда. Бюллетенҳои тақсимгардида - 14, бюллетенҳои тақсимнашуда - 2, бюллетенҳои ба қутии овоздиҳӣ воридгардида - 14 адад. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 14, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест. Имзоҳои аъзои комиссияи ҳисоб гузошта шудааст ва хоҳиш мекунем, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад.

**Раисикунанда:** Ташаккур! Кӣ ҷонибдори он аст, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ акнун ба қабули матни хулоса аз рӯйи диссертатсияи Икромова М.Х. мегузарем, ки қаблан лоиҳаи он ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим шуда буд. Аъзои шуро чӣ гуна эрод, пешниҳод ё илова доранд?

**Аъзои шуро:** Бо назардошти пешниҳодҳо ва иловаҳо ҳамчун асос қабул карда шавад.

**Раисикунанда:** Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо ва иловаҳо қабул гардидани хулосаи шурои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Икромова М.Х. мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Акнун мегузарем ба қабули қарори маҷлиси шурои диссертатсионӣ.

## ҚАРОРИ
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 15 - уми майи соли 2025, № 110** **ш. Душанбе**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомов С.Ф., тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р. ва номзади илмҳои иқтисодӣ Розиев Д.А., баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., Калемуллоев М.В., д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х., д.и.и., профессор Улугхоҷаева Х.Р., д.и.и., Дадоматов Д.Н., д.и.и., Ҳикматов У.С.

. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Икромова Малоҳат Холовна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори маҷлиси шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Икромова Малоҳат Холовнаро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сарфароз намояд.

**Раисикунанда:** Ки тарафдори қабул кардани қарори зикршуда бошад, овоз диҳед. Кӣ тарафдор? Ташаккур. Зид, бетараф нестанд.

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ! Ягон савол ё пешниҳод оид ба тартиби гузаронидани ҷаласаи Шуро ҳаст. Нест!

**Раисикунанда:** Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи номзадияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, маҷлиси шуро пӯшида эълон карда мешавад.

**Раисикунанда,**
**узви шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и.,** **Собирзода Н.М.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**10 – уми майи соли 2025**